# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавӯи “Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – иқтисодиёти соҳибкорӣ)

Абдураҳмон Ҳакимзода соли 2012 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси маркетинг дар бозори байналхалқӣ хатм намудааст. Соли 2012 ба кафедраи маркетинг ва тиҷорат ба ҳайси ассистент ба кор омадааст. Соли 2013 ба шуъбаи магистратура, аспирантура ва докторантураи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба ҳайси магистр дохил шуда, соли 2016 онро аз рӯи ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон хатм кардааст.

Аз 02.01.2018 №3/4 – 149 ба шуъбаи номбурда ҳамчун унвонҷӯ қабул шудааст.

Диссертатсияи ӯ дар мавзӯи: “Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишгоҳ аз 06.03.2018 тасдиқ шуда, роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ Ҳамитов М.С. таъин гардидааст.

Дар давоми фаъолияти худ ӯ бо ҳаммуаллифии ҳамкорон ҳафт комплекси таълимӣ-методӣ, чор воситаи ёрирасони таълимӣ ва зиёда аз 22 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ нашр намудааст. Абдураҳмон Ҳ. дар давоми унвонҷӯӣ имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият супоридааст.

Аз моҳи апрели соли 2020 дар кафедраи маркетинг ва тиҷорат ба ҳайси муаллими калон кору фаъолият дорад.

Бояд қайд кард, ки Абдураҳмон Ҳакимзода ҳамчун муҳаққиқ масъулияти баланд дошта, малакаи таҳлил ва ташкили фаъолияти илмию таҳқиқотӣ дошта, роҳҳои муайян намудани вазифа ва ҳадафи дар наздаш гузошташударо мустақилона ноил мегардад.

Диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода ба мушкилоти мубрами иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида шудааст.

**Мақсади таҳқиқот** аз асосноккунии муқаррароти илмию назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

Барои ноил шудан ба мақсади диссертатсия таҳқиқоти ҳамаҷонибаи назариявию амалӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои ба даст овардашуда ҷиҳати таҳияи навгонии илмии диссертатсия истифода бурда шуданд.

Дар диссертатсия тавсияҳо оид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудаанд.

Дар диссертатсия моҳият ва аҳамияти иҷтимоию иқтисодии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ муайян карда шудааст.Таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, истифодаи таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ бо назардошти хусусиятҳои миллӣ тавсия дода шудааст.

Фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ муайян ва мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Ҳамзамон, оид ба самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ташаккули инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ тавсияҳои илмӣ-методӣ коркард шудааст.

Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот шиносномаи номгӯи ихтисосҳои Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – иқтисодиёти соҳибкорӣ) мутобиқат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсияро Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва дигар ширкату корхонаҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ метавонанд барои рушди фаъолияти худ дар амал истифода намоянд.

Инчунин, тавсияҳои илмию методии муаллифро дар раванди таълим дар ДДТТ ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои лексионию амалӣ бо донишҷӯёни равияи иқтисодӣ метавон истифода бурд.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқоти диссертатсияро дар корҳои илмӣ инъикос гардидаанд, ки дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалии илмӣ – амалӣ, семинарҳои илмӣ давоми солҳои 2016-2023 дар шакли маърӯза ва мақолаҳои илмӣ нашр гардидааст.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқоти диссертатсия оид ба мавзӯи таҳқиқшуда 22 мақола ва корҳои илмӣ дар ҳаҷми 12 ҷ.ч. аз ҷумла, пщафт мақола дар маҷаллаҳҷое, ки Комиссияи олии атестатсионии Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт шудаанд, нашр кардааст.

Диссертатсия мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, навгониҳои илмӣ асоснок карда шуда, натиҷаҳои он дар амалия ва раванди таълим истифода карда шуда истодаанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода, ки ба ҳалли яке аз масъалаҳои муҳими мушкилоти хоҷагии халқи Тоҷикистон бахшида шудааст,

бо забони илмии тоҷикӣ навишта шуда, таҳқиқоти илмии ҷамъбастшуда ба ҳисоб меравад.

Мақсади кор иҷро гардида, вазифаҳо мувофиқи методикаи интихобгардида ва аппарати методологӣ ҳал шуда, хулосаву пешниҳодот илман асоснок карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзӯи “Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” кори мустақилона ва ба итмомрасида буда, навгонии илмӣ ва аҳамияти илмию амалӣ дошта, ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рисолаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – иқтисодиёти соҳибкорӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ** **Ҳамитов М.С.**

**Имзои Ҳамитов М.С. - ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН / ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ